# PRESS RELEASE

**<u>Рӯзи 01 июни 2016 с. пахн хоҳад гардид</u>**

**Машваратчиёни Барномаи Иттиҳоди Аврупо оид ба мусоидат дар идораи сарҳадот дар Осиёи Марказӣ (БОМКА) ба Тоҷикистон ташриф меоранд**

Иттиҳоди Аврупо мусоидатро ба чорабиниҳо оид ба бехатарии сарҳадот дар Осиёи Марказӣ идома дода истодааст. Ҳамин тариқ, дар чаҳорчӯбаи Барномаи мусоидат ба идораи сарҳалот дар Осиёи Марказӣ (БОМКА) ташрифи машваратии коршиносони барномаи мазкур ба ш.Душанбе доир ба масоили идоракунии убури муҳоҷирон дар сарҳад рӯзи 1 июни 2016 сол оғоз мегардад. Ташрифи мазкур дар шакли омехтаи омӯзиш ва мизи мудаввар бо иштироки коршиносони аврупой аз Хадамоти давлатии сарҳадии Ҷумҳурии Латвия ва Хадамоти ҳифзи сарҳад ва иммигратсияи Португалия аз як тараф, ва аз тарафи дигар мутахассисони миллии Тоҷикистон дар соҳаи хариду фурӯши одамон ва реадмиссия баргузор мегардад. Аз ҷониби Тоҷикистон дар чорабинии мазкур намояндагони Вазорати корҳои хориҷӣ, Қушунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати корҳои дохилӣ ва Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ширкар меварзанд.

Ҳадафии асосии ташриф ин мавриди муҳокимаи судманд қарор додани қонунгузории дохилӣ бо назардошти таҷрибаи байналхалқӣ дар масоили идораи гурӯҳҳои осебпазири муҳоҷирон, ки аз сарҳади давлатӣ убур мекунанд ва шинос шудан бо қонунгузории давлатҳои Иттиҳоди Аврупо дар ин самт мебошад. Иштирокчиёни чорабинии мазкур таҷрибаи пешқадами давлатҳои Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистонро оид ба пешгирӣ намудани хариду фурӯш ва қочоқи одамон ҳангоми убури сарҳад баррасӣ намуда, инчунин таҷрибаи босамари Иттиҳоди Аврупоро дар самти реадмиссия мавриди мубодилаи афкор қарор хоҳанд дод.

Дар асоси мулоҳизот ва табодули андешаҳо бо мутахассисони миллӣ коршиносони Иттиҳоди Аврупо тавсияҳои дахлдорро бахри мукаммал гардонидани қисмҳои алоҳидаи қонунгузории миллӣ оид ба идораи гурӯҳҳои осебпазири муҳоҷирон ҳангоми убури сарҳад ва реадмиссия мутобиқи таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ пешниҳод хоҳанд кард.

*Нахустин чорабиниҳои барномаи БОМКА дар Осиёи Марказӣ соли 2003 оғоз гардида, то ба имрӯз шарикӣ байни барнома ва ҳукуматҳои давлатҳои Осиёи Марказӣ дар мусоидат ба идораи сарҳадот қавӣ гардидааст. Тӯли солҳои 2003-2014 Иттиҳоди Аврупо барои татбиқи барномаи БОМКА 33,6 млн. евро ҷудо намуда барои амалисозии марҳилаи 9-ум (2015-2018) наздики 5 млн. евро пешбинӣ шудааст.*

**Маълумоти муфассалтар** аз масъулини барномаи БОМКА дар Тоҷикистон дастрас намудан мумкин аст +992 43 3779708 – ё ин ки jafar.usmanov@icmpd.org

---

Барномаи БОМКА аз ҷониби Консортсиуми шарикон таҳти роҳбарии Хадамоти давлатии сарҳадии Ҷумҳурии Латвия татбиқ мегардад:

State Border Guard
Republic of Latvia

Барнома аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мегардад.

Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон

к. Адҳамов, 74
734013 Душанбе
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тел: +992 37 221-74-07
Факс: +992 37 221-43-321
E-mail: Delegation-Tajikistan@eeas.europa.eu

Иттиҳоди Аврупо аз 28 давлат-аъзо иборат мебошад, ки дастовардҳои пешқадам, захираҳо ва қисматҳои худро сарҷамъ овардаанд. Тӯли 60 сол бо кушишҳои муштарак онҳо минтақаи субот, демократия ва рушди устуворро эҷод намуда ҳамзамон гуногунии фарҳангӣ, озодиҳои инфиродӣ ва фазои таҳомулпазириро нигоҳ доштанд. Иттиҳоди Аврупо ҳадаф гузоштааст дастовардҳо ва арзишҳои худро ба халқҳои дигар пешкаш ва таблиғ намояд.